ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Сафарова Наргис Сайфуддиновна дар мавзуи «Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Яке аз падидаҳои хеле хушоянди даврони Истиқлолият барои муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ фароҳам омадани шароит ва имконияти хеле фароху густардаест, ки пешорӯи онҳо боз гардид ва эшонро водор намуд, ки ба пажӯҳиши бисёр масъалаҳои муҳимму таҳқиқталаби адабиёти бадеӣ, махсусан масъалаҳои бо сабабҳои гуногун аз доираи таҳқиқу баррасӣ дурмонда, пардозанд. Аз зумраи ин масоили ба таҳқиқ ниёзманд баррасии илмии рӯзгору осори адибонест, ки аз чаҳорчӯбаи сиёсати даврони шӯравӣ огоҳона ва ё тасодуфан қадаме берун ниҳода, ба таъқиби мақомоти қудратӣ гирифтор гардиданд ва фаъолияти эҷодиашон то андозае маҳдуд карда шуд. Табиист, ки ҳолати мазкур таҳқиқу пажӯҳиши масоили ба ҳаёту фаъолияти ин гуна адибон вобастаро низ мушкил ва номумкин мегардонид.

Саидҷон Ҳакимзода, ки имрӯз ҳамчун яке аз шоирони муваффақ ва соҳибистеъдоди тоҷик эътироф гардидааст, ба гурӯҳи ҳамин адибони дар даврони шӯравӣ маҳкумшуда ва аз назари аҳли таҳқиқ дурмонда дохил мешавад. Хеле хуш аст, ки даврони Истиқлолият дари нашру тадвин ва нақду баррасии эҷодиёти ин шоири муваффақи муосири тоҷикро боз намуда, дар баробари ба нашр расидани мачмуаҳои гуногуни шоир, аз ҷониби донишмандон мақолаву гузоришҳои зиёди илмии ба рӯзгору осори ӯ дахлдор таълиф ёфтанд. Бо вуҷуди ин, то таълифи диссертатсияи Сафарова Наргис ҳаёт ва фаъолияти Саидҷон Ҳакимзода ба таври густардаву фарогир ва дар шакли кори мукаммали илмӣ таҳқиқ нашуда буд. Ба ҳамин хотир, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Сафарова Наргис дар мавзуи «Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ» пажӯҳиши комили илмӣ ва таҳқиқи воқеъбинонаи паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти

шоирии Саидҷон Ҳакимзода буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии имрӯзи тоҷик бахшида шудааст.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мавриди назар нахустин таҳқиқоти пурра ва густардаи илмӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Саидҷон Ҳакимзода буда, таҳқиқи хусусиятҳои мавзуӣ ва ғоявӣ, жанрӣ ва сохтори ҳунарии шеъри шоир бори аввал дар шакли рисолаи илмӣ аз ҷониби ҳамин муҳаққиқ сурат гирифтааст.

Аҳамияти назарии диссертатсия дар он аст, ки дастовардҳои илмии онро метавон дар навиштани дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақола ва пажӯҳишҳои фаровон оид ба таърихи адабиёти муосири тоҷик ва хусусиятҳои жанриву мазмунии шеъри имрӯз истифода бурд.

Аҳамияти амалии диссертатсия бо он собит мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мавриди назар дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар шоёни омӯзиш ва барои алоқамандони шеъру адаб ва пажӯҳишгарони риштаи адабиётшиносӣ қобили истифода аст.

Диссертатсияи Сафарова Наргис мувофиқ ба талаботи тартиб додани рисолаҳои илмӣ таҳия гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар муқаддимаи кор муҳиммияти мавзуъ ва зарурати таҳқиқи он, аҳамияти назариву амалӣ, ҳадафи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгониҳо, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар бандҳои барои анҷоми таҳқиқоти илмӣ зарур баён гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия ба таҳқиқи зиндагинома ва мероси адабии Саидҷон Ҳакимзода бахшида шуда, аз се фасл иборат аст. Дар фасли нахустини ин боб зиндагиномаи мухтасари шоир баррасӣ гардидааст. Диссертант дар ин қисмати кори худ кӯшиш намудааст, ки баробари баёни шарҳи ҳоли шоир заминаҳои ба олами эҷод қадам гузоштани Саидҷон Ҳакимзода ва омилҳои таъсиргузор ба фаъолияти шоирии ӯро муайян ва бозгӯ намояд.

Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия, ки **«Мероси адабии шоир»** номгузорӣ шудааст, фаъолияти эҷодии шоир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор

гирифтааст. Ҷиҳати аҳсани ин қисмат дар он аст, ки диссертант дар канори тавсифи умумии маҷмуаҳои банашррасидаи Саидҷон Ҳакимзода ба таърихи эҷоду интишори нахустин шеърҳои ӯ ва рушду инкишофи тадриҷии маҳорати эҷодии шоир низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Диссертант бо дарназардошти фаъолияти бисёрсолаи рӯзноманигории Саидҷон Ҳакимзода фасли сеюми боби аввалро ба таҳқиқу баррасии осори публитсистии адиб бахшидааст. Аз таҳқиқи диссертант маълум мегардад, ки Саидҷон Ҳакимзода дар баробари шоири муваффақ будан дар таълифи осори фарогир ва гуногунжанри публитсистӣ низ маҳорат дошта, дар рушду инкишофи соҳаи журналистикаи солҳои 60-80-уми асри гузаштаи тоҷик низ то андозае саҳм гузоштааст.

Боби дуюми диссертатсияи Сафарова Наргис **«Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори Саидҷон Ҳакимзода»** номгузорӣ шуда, вобаста ба муҳимтарин мавзуоти шеъри шоир ба ҳафт фасл ҷудо карда шудааст. Фасли аввали ин боб ба таҳлилу баррасии ашъори ватандӯстонаи шоир бахшида шудааст. Тавре маълум аст, дар шеъри муосири тоҷик, махсусан дар нимаи дувуми асри бист мавзуи ватандӯстӣ ба маъмултарин мавзуоти осори адабӣ табдил ёфт ва дар ин осор адибон дар баробари мафҳуми ватани бузург, ки Иттиҳоди шӯравӣ дар назар буд, аз ватани кӯчаки худ – Тоҷикистон низ зиёд ёд мекарданд. Тавре диссертант дуруст қайд менамояд: “Дар эҷодиёти шоирони насли Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром, Ш. Лоиқ, Б. Собир, Ш. Мастон, А. Сафар, Гулрухсор, Ғ. Сафарзода, Гулназар, Ҳ. Ғоиб ва инчунин С. Ҳакимзода мафҳуми Ватан маънои мушаххас касб мекунад ва аз тасвири хурдтарин ҷузъиёт – қатраи обу пораи санг, дару деҳу қадамгоҳи падар ибтидо гирифта, ба Ватани умумӣ ва ягона – Тоҷикистон пайванд мешавад” (саҳ. 58).

«Тараннуми сулҳу вахдат» унвони фасли дувуми ин боб аст, ки дар он диссертант ба таҳқиқу баррасии осори ба ин ду рукни амнияти миллӣ ва суботи сиёсии мамлакат бахшидаи шоир иқдом намуда, тавре аз таҳлилҳои

муаллиф дар диссертатсия маълум мегардад, ба ин иқдоми худ муваффақ низ гардидааст.

Диссертант дар фасли сеюми боби дуюми кори худ ба таҳқиқу баррасии масоили иҷтимоии шеъри Саидҷон Ҳакимзода пардохта, барои муайян намудани иртиботи эҷодиёти шоир бо ҳаёти ҷамъиятӣ саъю кӯшиши қобили таҳсин анҷом додааст.

Фасли чоруми боби дуюми кори диссертант ба пажӯҳиши масоили хонаводагии шеъри Саидҷон Ҳакимзода оид буда, дар он ашъоре мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба мақому мартабаи падару модар дар оила ва тарбияи оилавии фарзанд бахшида шудаанд.

Таҳқиқи ашъори ошиқона ва тасвирии Саидҷон Ҳакимзода фасли панҷуми боби дуюми кори диссертантро фаро мегирад. Қайд гардидааст, ки Саидҷон Ҳакимзода низ ба монанди дигар шуарои дирӯзу имрӯз дар ин мавзуи хеле маъмули адабиёти бадеӣ шеърҳои зиёде сурудааст. Аз диди муҳаққиқ, "шоир тасвири манзараҳои пурафсуни табиатро ба вазъу ҳолати дилдодагон моҳирона омезиш дода, тозабаёнӣ мекунад" (диссертатсия, 86).

Як хусусияти бисёр муҳимми ашъори шоир, махсусан ғазалиёти ӯ, ҷанбаи пандуахлоқӣ доштани онҳост. Ҳамин аст, ки диссертант фасли шашуми боби дуюми диссертатсияи худро **«Саидҷон Ҳакимзода – шоири ҳикматсаро»** ном гузошта, дар он ба таҳқиқи ашъори ҳикматомези шоир пардохтааст ва ба таври аҳсан аз уҳдаи таҳлилу баррасии ин навъ ашъори Саидҷон Ҳакимзода баромадааст.

Фасли ҳафтуми боби дуюми диссертатсия **«Марсияҳои Саидҷон Ҳакимзода»** номгузорӣ шудааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки Саидҷон Ҳакимзода аз муваффақтарин шоирони муосири тоҷик дар гуфтани ин навъи шеър аст. Сабаби ба эҷоди марсияҳо рӯ овардани шоир низ аз ҷониби муаллифи диссертатсия хеле хуб таҳқиқ шудааст. Ба қавли ӯ, "марсияҳои расмӣ ё ташрифотӣ дар эҷодиёти С. Ҳакимзода бештар дар солҳои 90-уми асри XX бо тақозои вазъи сиёсию иҷтимоии кишвар мавқеъ пайдо намуд" (диссертатсия, саҳ. 99).

Боби сеюми диссертатсияи Сафарова Наргис **«Хусусиятҳои жанрӣ ва сабкии ашъори Саидҷон Ҳакимзода»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, ки **«Хусусиятҳои жанрии ашъори шоир»** номгузорӣ шудааст, диссертант ба таҳлилу баррасии маъмултарин навъҳои шеърии эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода пардохтааст. Аз таҳқиқи диссертант маълум мегардад, ки шоир дар аксари анвои шеъри суннатӣ, аз қабили ғазал, қитъа, рубоиву дубайтӣ, таркиббанду тарҷеъбанд, маснавӣ, қасида ва ғайраҳо ҳунари шоирии худро озмуда, чаҳорпора ва якчанд шеъри нимоӣ низ гуфтааст. Аз миёни ин жанрҳо таваҷҷуҳи шоир ба жанри ғазал бештар буда, қудрати суханофарии ӯ низ маҳз дар ҳамин жанр зоҳир мегардад.

Фасли дуюми боби савуми диссертатсия **«Забон ва сабки фардии шоир»** ном дошта, вижагиҳои забонӣ ва сабкии ашъори С. Ҳакимзода ба ҳайси мавзуи баҳси он қарор дода шудааст. Диссертант дар ин қисмати кори худ бо шавоҳиди зиёди шеърӣ тарзи баён ва сабки эҷоди Саидҷон Ҳакимзодаро муайян кардан хоста, ба ин иқдоми худ ба андозаи лозим муваффақ низ гардидааст.

Дар фасли сеюми боби сеюм ҳунари шоирии Саидҷон Ҳакимзода мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз таҳлилу баррасии сохтори ҳунарии шеъри шоир диссертант ба натиҷае расидааст, ки «дар мавзуъ ва мундариҷаи ашъори С. Ҳакимзода татаббуъ ва пайравӣ ба шуарои барҷастаи тоҷик мушоҳида гардад ҳам, аммо шоир дар ҳунару маҳорати нигорандагӣ, офариниши вожаву таркиботу иборот қудрат ва тозакориҳои зиёд дорад” (диссертатсия, саҳ. 135). Дар ҳақиқат, мутолиа ва мушоҳидаи ашъори Саидҷон Ҳакимзода ин хулосаи диссертантро тасдиқ менамояд. Шеъри Саидҷон Ҳакимзода муассиру дилнишин ва содаву фаҳмрас буда, истифодаи баҷои ороҳои гуногуни адабӣ, аз қабили ташбеҳу истиора, тавсифу талмеҳ, муболиға, ирсоли масал, таҷнису тарсеъ ба шаклу мазмуни шеъри ӯ таъсири мусбат расонидаанд.

Дар бахши “Хулоса” диссертант фикру андешаҳои худро аз масоили баррасишаванда дар 12 банд ҷамъбаст намуда, оид ба истифодаи амалии

натиҷаҳои диссертатсия тавсияҳои судманд ва дурусту мантиқӣ пешниҳод намудааст.

Рӯйхати сарчашмаҳои бадеӣ ва адабиёти илмию таҳқиқотӣ низ, ки аз 158 номгӯй иборат аст, тибқи талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст. Дар ин бахш инчунин рӯйхати 10 мақолаи илмӣ-таҳқиқотии муаллиф, ки дарбаргири таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди таҳқиқанд, оварда шудааст.

Дар маҷмуъ, бо бовару эътимод гуфтан мумкин аст, ки диссертант Сафарова Наргис аз уҳдаи ҳалли муваффақонаи масъалаи ба ӯ вогузоршуда ба хубӣ баромадааст. Диссертатсия бо сабку услуби роиҷи илмӣ ва забони шевову равон навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳои баровардашуда эътимоднок, мантиқан солиму устувор ва қобили қабул мебошанд. Ҳамчунин тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дурусту саҳеҳ ва боварибахшанд.

Диссертатсияи Сафарова Наргис Сайфуддиновна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи ӯ мувофиқати комил дорад. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо сифати кори илмиро беҳтар менамояд:

1. Дар зербоби дуюми боби савуми диссертатсия, ки “Забон ва сабки фардии шоир” ном дорад, масоили мавриди таҳқиқу баррасӣ ниҳоят мухтасар, ҳамагӣ дар ҳаҷми 5 саҳифа, оварда шудаанд. Ҳол он ки диссертант бо дарназардошти халқияти ашъори Саидҷон Ҳакимзода имкон дошт, ин масъаларо васеътар ва муфассалтар мавриди накду баррасӣ қарор диҳад.

2. Хеле хуб аст, ки диссертант барои таҳвияти афкори худ аз нигоштаҳои муҳаққиқони осори Саидҷон Ҳакимзода ва ё умуман адабиётшиносон, иқтибос меорад. Вале, мутаассифона, диссертант дар бисёр мавридҳо барои

инкор ва ё тасдиқи ин афкор кӯшиш накардааст, ки дар натиҷа, фикри шахсии ӯ вобаста ба баъзе аз масоили мавриди таҳқиқ номуайян боқӣ мондааст.

3. Дар баъзе бобу фаслҳои диссертатсия бартарӣ пайдо кардани хусусияти тавсифӣ нисбат ба хусусияти таҳқиқӣ мушоҳида мешавад. Яъне, диссертант ба ҷиҳатҳои аҳсани осори Саидҷон Ҳакимзода бештар диққат дода, аз баёни афкори интиқодӣ иҷтиноб меварзад.

4. Бо вуҷуди он ки диссертант дар охири ҳар як фасли диссертатсия андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда хеле хуб хулоса ва ҷамъбаст намудааст, вале ба таври умумӣ аз матолиби ҳар як боб хулосаи умумӣ набаровардааст.

5. Дар мураттаб намудани рӯйхати адабиёт диссертант ба баъзе камбудҳо роҳ додааст. Аз ҷумла истифодаи якхелаи аломатҳои китобат на дар ҳама номгӯи адабиёт риоя шудааст.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобат ба назар мерасанд (саҳ. 8,10,15,22,25,35,38,47 ...).

Ба таври умум, нукоти зикршуда асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмиву амалии диссертатсияи Сафарова Наргисро коҳиш намедиҳанд ва рисола таҳқиқоти илмии арзишманд дар илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Муаллифи диссертатсия аз уҳдаи ҳалли муваффақонаи ҳадафҳои гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Хулоса, диссертатсияи Сафарова Наргис Сайфуддиновна дар мавзуи «Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Сафарова Наргис муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Сафарова Наргис Сайфуддиновна дар мавзуи «Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Аҳмадов Сафармад Гадомадович

«15» сентябри соли 2022.

Суроғa: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С.Раҳимов, 7/26
Тел.:(моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.
«15» сентябри соли 2022.

Суроғa: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru.